## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи “Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2025. – 384 с.**

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Васоити ахбори омма дар бозтоби масъалаҳои марбут ба сиёсати дохилӣ ва байналмилалӣ нақши муҳим дошта, дар таҳкими робитаҳо, махсусан муносибатҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ мусоидати фаъол карда метавонанд. Феълан кишвари мо дар доираи “Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар асоси ҳифзи манфиатҳои миллӣ сиёсати хориҷии мутавозинро бо мамолики араб, чи дар асоси муносибатҳои дуҷониба ва чи дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷониба роҳандозӣ намудааст. Бавижа дар замони истиқлол муносибатҳои дипломатии созанда бо аксарияти кишварҳои араб, бахусус, кишварҳои араби Халиҷи Форс рушд ва таҳким ёфтаанд. Ба ин минвол, муайян намудани ҷойгоҳи ВАО дар бозтоб, таҳким ва рушди ин муносибатҳо масъалаи актуалӣ маҳсуб мeёбад. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович, ки мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс»-ро дарбар гирифтааст, ба шиносномаи ихтисоси илмӣ – 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ комилан мутобиқат дорад.

Масъалаи мавриди таҳқиқ гуногунҷанба буда, бори нахуст мавриди пажуҳиши мукаммали илмӣ қарор мегирад. **Муҳимтарин хусусияти диссертатсия** дар он зуҳур меёбад, ки ба масъалаҳои муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон аз дидгоҳи маҳаллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон назарандозӣ шудааст. Чунончи диссертант менигорад, дар ВАО-и Тоҷикистон инъикоси воқеиятҳои марбут ба кишварҳои араби Халиҷи Форс асосан, дар ду типи он: агентиҳои расмӣ ва хусусӣ шакл гирифтааст. Агар агентиҳои расмӣ бештар ба инъикоси сафарҳои сарварон ва масъулони воломақоми кишварҳои мутақобила, суҳбату мулоқотҳо, қабули созишномаҳои ҳамкориҳо таваҷҷуҳ намуда бошанд, агентиҳои хусусӣ, аслан, ба

рӯйдодҳои фарҳангӣ ва воқеаҳои дохилии кишварҳои араб эътибор додаанд.

Таҳқиқи Қаландаров Сарабек собит намуд, ки муносибати ВАО-и кишварҳои ҳар ду ҷониб ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамдигар яксон набудааст. Дар баробари мавқеи гуногун ва диду назари мухталиф доштан, ВАО-и кишварҳо кӯшиш намудаанд, ки дар ҳамкориҳои байниҳамдигарӣ холисона муносибат намоянд. Ба назари мо, ин нукта хеле муҳим аст ва чигунагии мавқеъ, тарзи муносибат ва дараҷаи инъикоси воқеиятҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ дараҷаи муҳиммияти таҳқиқи ин мавзуъро асоснок ва мубрам мегардонад.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия дар шароити муосир мубрам мебошад ва барои илми журналистикаи ватанӣ актуалӣ аст.

Дар диссертатсия **навгонии натиҷаҳои бадастомада** ба таври муъҷаз ба шакли тезис пешниҳод шудаанд. Бори аввал ба риштаи пажуҳиш кашидани мавзуи нақши ВАО дар инъикоси муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс аз навгонии мавзуи мавриди назар гувоҳӣ медиҳад. Илова бар ин, баррасӣ намудани мавқеи кишварҳои араб дар фазои геополитикии ҷаҳони муосир ва муайян кардани ҷанбаҳои таърихӣ ва вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабии Халиҷи Форс ба диссертатсия навгонии тоза зам мекунад.

Диссертант дар мавриди таърихи агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб **маълумоти тозаи ҳанӯз ҳам дастнахӯрда** меоварад ва муҳимтар аз ин, ба таври муқоиса инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар расонаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс ва бозтоби рӯйдодҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс дар ВАО-и Тоҷикистонро баррасӣ намуда, равзанаи наверо дар ин самт боз менамояд.

Нуктаҳои асосии илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар 10 банд пешниҳод гардида, аз як тараф мафкурасоз ҳастанд, аз ҷониби дигар, маҳаки аслии кори диссертатсиониро фаро мегиранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки** муаллиф натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияро дар 22 банд гирд оварда, барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 8 тавсия манзур кардааст. Омӯзиши сарчашмаҳои илмиву иттилоотӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, хулоса ва тавсияҳои боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут

ба дигар самтҳои ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс ва нақши ВАО дар инъикоси онҳоро дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад**, ки бори аввал дар илми журналистикаи ватанӣ нақши ВАО дар инъикоси муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс баррасӣ шуда, маводи диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаҳои дипломатия, журналистикаи байналхалқӣ ва муносибатҳои гуногунсамти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои араб истифода кард. Инчунин, дар асоси маводи диссертатсия таълифи монография низ имконпазир аст.

Диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович аз муқаддима, чаҳор боб, даҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар 384 саҳифа ҷой шуда, рӯйхати адабиёт 510 номгӯйро фаро мегирад.

Муаллиф боби аввали диссертатсиярор, ки **«Раванди ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс»** ном дорад, аз рӯйи хислат ва муҳтаво ба ду фасл тақсим кардааст.

Роҷеъ ба низомҳои сиёсии кишварҳо, шаклҳои иртиботи байниҳамии сохторҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳо, равияҳои ғайрирасмии дорои хусусияти иҷтимоию сиёсӣ дар фасли аввал – **«Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир»** маълумот медиҳад, ки тасаввуроти умумиро дар зеҳни хонанда оид ба кишварҳои араби Халиҷи Форс падид меорад.

Зина ба зина шакл гирифтани робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, бахусус ШАС, Қатар ва АМА дар фасли дуюми боби якум, ки **“Аз таърихи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб”** унвон дорад, баррасӣ гардидааст. Диссертант дар ин фасл бештар ба маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаҳои расмӣ такя намудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **“Инъикоси муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону кишварҳои араб дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс”** ном дорад. Дар **фасли аввал – “Воқеоти Тоҷикистон дар Агентии иттилоотии Саудӣ”** доманаи воқеаву рӯйдод ва шеваи инъикоси онҳо дар агентии иттилоотии ШАС мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст. Аз пажуҳиши диссертант бармеояд, ки озодии баён дар низоми ВАО-и Саудӣ вазъи ногувор дорад, зеро “асоси низоми ВАО-и Саудиро сохти давлатдории монархиявӣ ташкил медиҳад. ВАО самти сиёсати

шоҳаншоҳиро тарғиб намуда, аз тарафи давлат (шоҳ) ва бо қарорҳои шоҳ назорат карда мешавад. ВАО бо розигии шоҳ таъсис ёфта, моли ӯ ба ҳисоб меравад ва манфиату мавқеи онро ҳимоя мекунад. Соҳибони матбуот ва дигар ВАО-и ғайридавлатӣ низ шахсони наздики шоҳанд".

Дар замони муосир вазъи озодии сухан дар ВАО-и Саудӣ мураккаб боқӣ мемонад. Ҳокимият рӯзноманигоронеро, ки нисбати роҳбарони шоҳигарӣ ва сулолаи ҳукмрон маводи танқидӣ менависанд, боздошт мекунад. Асарҳои нависандагон мавриди сензураи сахт қарор дошта, дар баъзе ҳолатҳо мушкилии берун рафтани рӯзноманигорони оппозитсионӣ аз қаламрави кишвар ба назар мерасад. Солҳои охир барои ибрози андеша дар шабакаи интернет низ муаллифон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд" (саҳ. 97).

Дар ин фасл оид ба гунаи фаъолияти Агентии иттилоотии Саудӣ маълумоти густурдаро дарёфтан мумкин аст.

«**Баррасии масоили муносибатҳои дуҷониба дар Агентии иттилоотии Қатар»** фасли дуюми боби мазкур буда, бозтоби муносиботи дуҷониба дар муқоиса ба АМИТ "Ховар", Азия-Плюс" ва "Pressa.tj" мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

ВАО дар Аморати Муттаҳҳидаи Араб таҳти назорати қатъии ҳукумат қарор дорад ва ягон барнома, мусоҳиба ва интишорот бе мувофиқати ҳукумат пахш ва ё нашр намешавад. Барнома ё мусоҳибае, ки дар он таҳдиди иғвоангезӣ мушоҳида шавад, фавран аз эфир гирифта мешавад ва хавфи аз кор рондани рӯзноманигор низ вуҷуд дорад. Танқиди ҳокимияти давлатӣ қатъиян манъ аст. Саркашӣ комилан истисност. Яъне, ВАО дар Аморот муҳимтарин воситаи расонидани таъсири сиёсиест, ки самти муайяннамудаи роҳбарони давлатро дастгирӣ мекунад (саҳ.139). Пуштибонӣ аз манфиати доираҳои ҳукмрон ва тарзи бозтоби воқеаҳои Тоҷикистон дар фасли сеюм **"Нақши агентии иттилоотии Аморот дар инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон"** илман баррасӣ шудааст.

Диссертант дар боби сеюми рисола **"Мавқеи ВАО-и Тоҷикистон дар бозтоби муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои араб"** таҳлили мундариҷавии маводи АМИТ «Ховар», вижагиҳои мавзуӣ ва масъалагузориҳо дар «Азия-Плюс» ва таҳлили таносуби маводи сомонаи "Pressa.tj"-ро бо истинод ба маводи фаровони ВАО-и Тоҷикистон баррасӣ намуда ба натиҷа расидааст, ки "дар инъикоси воқеа ва рӯйдоду ҳаводиси марбут ба ҳамкориҳои бисёрсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои ШАС, АМА ва Қатар расонаҳои мавриди таҳқиқ мавқеи ягона

надоранд. Дар ин самт АМИТ «Ховар» ба мавқеи ҳукумати кишвар мувофиқ аст. Дар агентии «Азия-Плюс» ва сомонаи «Pressa.tj» ҳарчанд чунин мавқеъ бартарӣ дорад, аммо дар баъзе мавод, ки дар такя ба расонаҳои хориҷӣ таҳия шудааст, мавқеи расона норавшан аст” (саҳ.261). Чунин хулосаҳо ҷанбаи қавии илмӣ доранд.

Дар боби чорум **“Вижагиҳои жанрии маводи ВАО марбут ба муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс”** бозтоби ҳамкориҳо дар қолаби жанрҳои хабариву таҳлилӣ таҳлил шудаанд. Хусусияти боби мазкур дар он зоҳир мешавад, ки номи рубрика, микдори маводи дар солҳои гуногун интишоргардида тавассути ҷадвалҳо инъикос шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳқиқи ин масъала 1 монография, 29 мақолаи чопӣ дар маҷаллаҳо, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор намудааст, ки пурра натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд.

**Мутобикати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Қаландаров С.Д. ба талаботи бандҳои 32 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар баробари ин дастовардҳо, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасад:

1. Муқаддимаи рисола аз мубрамии мавзуи таҳқиқ оғоз мешавад. Ба назари мо, дар мубрамии мавзуи таҳқиқ дар сархатҳои аз як то чорум умумигӯйӣ шудааст, ки ба муҳтавои диссертатсия камтар алоқа дорад.

2. Фасли якуми боби якум «Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир» бештар хусусияти публитсистӣ ва сиёсӣ касб кардааст (саҳ. 18-57).

3. Фасли яки боби дуюм «Воқеоти Тоҷикистон дар Агентии иттилоотии Саудӣ» ном гирифтааст, агар номи фасл ба гунаи «Бозтоби воқеоти Тоҷикистон дар Агентии иттилоотии Саудӣ» таҳрир гардад, мантиқ дуруст ва маънӣ мукаммал хоҳад шуд (саҳ. 97).

4. Дар ҳамин боб агар фасле бо номи «Муқоисаи инъикоси муносиботи дуҷониба дар ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс ва

Тоҷикистон» илова мегардид, ҷанбаи илмии рисола бамаротиб меафзуд, зеро проблемагузорӣ ва муқоиса аз унсурҳои муҳимтарини кори илмӣ ба шумор меоянд.

5. Дар фасли якуми боби сеюм – «Таҳлили мундариҷавии маводи АМИТ Ховар» диссертант маводи ин агентиро вобаста ба мавзуъ ба чор гурӯҳ – муносибат, равобити ҳамкориҳо, рӯйдодҳои кишварҳои араб ва рӯйдодҳои варзишӣ ҷудо намудааст, ки хуб аст. Ба назари мо, илова намудани боз як гурӯҳи дигар бо номи падидаҳои фарҳангӣ мувофиқи мақсад буд. Зеро нисбат ба рӯйдодҳои варзишӣ динамикаи рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ дар муносиботи тарафайн мавқеи болотарро касб менамояд.

6. Дар фасли яки боби чорум «Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс дар қолаби жанрҳои хабарӣ» назари муҳаққикон И.Усмонов, муҳаққиқони эронӣ Муҳаммаднажод, Шукрхоҳ, олими араб Шокир Ватут оварда мешавад, аммо худи муҳаққиқ чи назар дорад ва мавқеи кадоме аз ин олимонро ҷонибдорӣ мекунад, маълум нест (саҳ.268-269). Дар ин сурат холисона арзиш додан ба пажуҳиш ғайримумкин мегардад.

7. Дар диссертатсия вожагони «бахусус», «воқеан», «бояд зикр кард, ки», «ҳамзамон», «таъкид бояд кард, ки», «қобили тазаккур аст, ки», «асосан», «ҳамин тавр», «чунончи», «ба ин маънӣ» ва ғ. нисбатан зиёд корбурд шудааст (саҳ.5, 6, 8, 26, 179, 194, 198, 265....). Дурӣ ҷӯстан аз такрори чунин ибораҳо ҳусни корро боз ҳам меафзуд.

Камбудиҳои номбаршуда ислоҳпазир буда, арзиши илмии рисолаи илмиро кам намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро намудааст. Диссертатсия ва автореферати диссертатсия аз нигоҳи сохтор, ҳаҷм, мундариҷаву мухтаво ва мазмун ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқии комилан анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Қаландаров Сарабек мухтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати хуби илмии диссертант гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи **«Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс» (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб)** ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи

илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**

**доктори илмҳои филологӣ, профессори**
**кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Хоҷазод С.**
«05» сентябри соли 2025

***Нишонӣ:*** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Толстой, хонаи №25
***Тамос:*** (+992) 93-855-52-99
***E-mail:*** saidmurod1970@bk.ru

*«Имзои д.и.филол., профессор С.Хоҷазодро тасдиқ мекунам»*

**сардори Раёсати кадр ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Қодирзода С.**
«05» сентябри соли 2025

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

***Нишонӣ:*** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
***Тамос:*** (+992 37) 224-13-83
***Сомона:*** https://www.tgpu.tj/